“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н.и.к.
Кароматов Ш.Ш. ____________
«_16_» _____06_____ соли 2025

# НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ №7

ҷаласаи шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз “13” июни соли 2025 ш. Душанбе

Раис: Кароматов Ш.Ш.
Котиб: Шарипов Ш.И.

**Иштирок карданд:** Кароматов Ш.Ш. – н.и.к., директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ-раиси Шуро; Худойқулов Б. С.-н.и.к., муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ-муовини раиси Шуро; Шарипов Ш.И. -котиби илмии Институт- котиби Шуро; аъзоёни Шуро: Қаландаров Р.Ю.- н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Толиҳов Ҷ.А.- н.и.к., мудири шуъбаи ҳимояи наботот; Эшонқулова Р.У. -н.и.к., мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ; Ахмедов Т.А.- сарходими илмии институт академики АИКТ; Камолов Н.-н.и.к., ходими пешбари шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо; Назиров Ҳ.Н.- д.и.к., ходими калони илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳ; Толибов А.Қ.- н.и.к., ходими калони илмии озмоишгоҳи биотехнологияи растанӣ.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳо Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ – Камолов Нурмаҳмад, номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ

Шунида шуд: Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Раҳматов С.Ҳ. баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз дошт, ки боғдорӣ яке аз соҳаҳои асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу токпарварӣ масъалаи мубрами рӯз аст. Сол аз сол талабот ба истеъмоли мева, ки аҳамияти ғизоию дорои хусусияти шифоӣ дорад зиёд шуда истодааст.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ин ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукаммалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии хурмои шарқиро, ки як қисмати минтақаҳои боғдории ҷумҳурӣ барои парвариши ин мева мувофиқ аст, ба назар гирифта мавзуи тадқиқотӣ таҳрезӣ карда шудааст.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён Ахмедов Т.А. академики АИКТ, сарходими илмии муассиса; Эшонқулова Р.У. н.и.к., мудири шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, Уроқов Б.Э. н.и.б. ходими калони илмӣ; Руқниддинов Қ. н.и.к. ходими калони илмӣ, Толиҳов Ҷ.А. н.и.к., мудири шуъбаи ҳимояи наботот ва дигар иштирокчиён саволҳо дода шуд, ки ба онҳо унвонҷӯ Раҳматов С.Ҳ. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан, роҳбари илмии унвонҷӯ Камолов Нурмаҳмад, номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад, ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад. Дар охир, аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Соҳаи тадқиқотии мавзуи диссертатсионӣ хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъҳои хурмои шарқӣ буда, мазмуни диссертатсия ва тадқиқотҳои иҷрошуда ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05.-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мутобиқат мекунад.

Сипас, Ахмедов Т.А. д.и.к., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла Қаландаров Р.Ю. н.и.к., мудири шуъбаи технологияи инноватсионии токпарварӣ; Худойқулов Б.С. н.и.к., муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, Толибов А.Қ. н.и.к., ходими калони илмии озмоишгоҳи биотехнологияи растанӣ баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар муҳокимаи кори диссертатсионии Раҳматов С.Ҳ. муҳимияти мавзуи тадқиқотӣ, дарачаи таҳқиқӣ ва навгониҳои он, аҳамияти амалии кори илмию тадқиқотӣ ва дар амал татбиқ намудани натиҷаи он, фаъолияти унвонҷӯ қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Раҳматов С.Ҳ. муҳаққиқи пурмасъул буда, муаллифи 13 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилии АИКТ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба Раҳматов С.Ҳ. мусоидат менамоянд.

**ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ МУАССИСА ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи Шурои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон санаи 13.06.2025, Протоколи №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 10 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “тарафдор” – 10 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси шурои олимон н.и.к. Кароматов Ш.Ш.

Котиби шурои олимон Шарипов Ш.И.

Имзоҳои Кароматов Ш.Ш.
ва Шарипов Ш.И.- ро тасдиқ менамоям:
сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Музафарова М.Н.